**Варақаи иттилоотӣ оид ба натиҷаи фаъолияти Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли соли 2025**

Дар Палатаи ҳисоб ислоҳоти соҳавӣ идома дошта, соли сипаригардида дар доираи он маҳз барои аз байн бурдани духурагиҳо дар мафҳуми зарари молиявӣ, шаффофияти омори расмӣ, пешгирии такрорёбии рақамҳои беасос дар ҳисоботҳо оид ба иҷрои буҷети давлатӣ ва аз натиҷаи чорабиниҳои назоратию санҷишӣ санади меъёрӣ «Таснифи вайронкунии қоидаҳои молиявӣ» таҳия ва мавриди амал қарор дода шуд.

Инчунин, ҷиҳати пешгирӣ ва бартарафсозии омилҳои такрорёбӣ дар рақамҳои иҷрои буҷети давлатӣ, ки ба ташаккули маблағҳои озоди ҳукумати кишвар монеагӣ эҷод мекарданд, суратҳисоби «Маблағҳои зарару камомад ва тасарруф» ба КВД БА «Амонатбонк» гузаронида шуд.

Шакли нави ҳисоботи омории №1 «Ҳисобот дар бораи пардохтҳо ба буҷет» таҳия ва қабул карда шуд, ки ҳуҷҷати мазкур ҷараёни баҳисобгирӣ ва заминаи аслии ташаккули воқеии даромадҳоро аз рӯйи ҳар як намуди андоз ва пардохтҳои давлатӣ дар қисмати маъмурони даромади буҷети давлатӣ пурра инъикос менамояд.

Мутобиқи Стандартҳои байналмилалии мақоми олии аудит «Роҳнамо оид ба гузарондани аудити экологӣ дар заминаи аудитҳои мутобиқату молиявӣ ва самаранокӣ» мавриди амал қарор дода шуд.

Бори нахуст дар таҷрибаи аудити давлатӣ тибқи ин роҳнамо аудитҳои экологӣ дар мавзуи «Ифлосшавии обҳои истеъмолӣ - омили асосии хавфи паҳншавии бемориҳои сироятӣ» ва «Таъсири обшавии пиряхҳо ба иқлим ва талафоти иқтисодӣ ба хоҷагии қишлоқ» гузаронида шуд.

Ҳамзамон, ҷиҳати тақвияти робитаҳои байналмилалӣ моҳи апрели соли 2025 дар шаҳри Душанбе вохӯрии 7-уми роҳбарони ниҳодҳои олии аудити давлатҳои узви Созмони ҳамкории Шанхай баргузор гардид.

Дар ҳошияи чорабинӣ ба пайравӣ аз ташаббусҳои байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо пешниҳоди Палатаи ҳисоб мавзуи муҳимми аудити ҳифзи захираҳои табиӣ дар самти «Аудити захираҳои обӣ» ва «Аудити ҳифзи пиряхҳо» қарорҳои зарурӣ қабул шуданд, ки дар ҳифзи пиряхҳо ва истифодаи самараноки захираҳои обӣ дар миқёси байналмилалӣ мусоидат менамоянд.

Бо мақсади таъмини арзёбии саривақтию сифатноки даромад ва хароҷоти буҷети давлатӣ, истифодаи мақсадноку самараноки маблағҳои буҷетӣ ва воситаҳои давлатӣ Палатаи ҳисоб дар вазорату идораҳо, марказ ва гурӯҳҳои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, бонкҳо, субъектҳои хоҷагидорӣ ва дигар муассисаҳо 188 чорабинии аудиторӣ гузаронда, ҳамчун вайронкунии низоми молиявӣ 710,6 млн сомонӣ вобаста ба ташаккул ва иҷрои буҷети давлатӣ, 352,6 млн сомонӣ дар самти пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ, 14,8 млн сомонӣ дар самти идоракунии моликияти давлатӣ, 37,5 млн сомонӣ соҳаи сохтмон ва 1,1 млн сомонӣ дигар қоидавайронкуниҳо муайян намуд.

Оид ба бартараф намудани камбудию норасоиҳои муайянгардида, чораҳои мушаххас андешида шуда, ба суратҳисобҳои «Маблағҳои зарару камомад ва тасарруф» дар КВД «Амонатбонк» 110,7 млн. сомонӣ, дар Вазорати молия 40,5 млн. сомонӣ, ҷамъ 151,2 млн. сомонӣ ё нисбати соли қаблӣ 72,5 млн. сомонӣ  зиёд, дигар суратҳисобҳои дахлдори буҷети давлатӣ 307,8 млн. сомонӣ ва ба корхонаҳо 297,2 млн. сомонӣ барқарор гардид, ки 67,7 фоизи маблағи умумиро ташкил медиҳад.

Ҷиҳати гузариш ба аудити рақамӣ, татбиқи аудити фосилавӣ, сарфаи маблағҳои буҷетӣ бо роҳи канорагирӣ аз аудитҳои аз лиҳози иқтисодӣ камсамар 60 чорабинии аудиторӣ тариқи фосилавӣ амалӣ карда шуд.

Қайд намудан ба маврид аст, ки зимни гузаронидани чорабиниҳои аудиторӣ вобаста ба баҳодиҳӣ ба иҷрои қисми даромади буҷети давлатӣ барои соли 2024 дар мақомоти  масъулини асосии қисми даромади Буҷети давлатӣ  вайронкунии қоидаҳои молиявӣ 56,1 млн. сомонӣ муайян ва барқарор карда шудааст.

Инчунин оиди банди 3-и қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.02 соли 2025, № 115 «Дар бораи танзими фоидаи софи корхонаҳои давлатӣ ва ҷамъиятҳои хоҷагидорие, ки давлат дар сармояи оинномавии онҳо ҳисса дорад»  вайронкунии қоидаҳои молиявӣ ба қадри 552,7 млн. сомонӣ муайян гардида, аз он ба маблағи 276,5 млн. сомонӣ барқарор карда шудааст.

Зимни гузарондани чорабиниҳои аудиторӣ дар 103 сохторҳои вазорату идораҳо қоидавайронкуниҳои молиявӣ ба маблағи 23,9 млн. сомонӣ муайян ва барқарор гардид.

Зимни гузарондани чорабиниҳои аудитории буҷетҳои маҳаллӣ дар дар шаҳри Бӯстон ноҳияҳои Айнӣ, Спитамен ва Кӯҳистони Мастчоҳи

вилояти Суғд 8,8 млн. шаҳри Норак, ноҳияҳои Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, А. Ҷомӣ, ва Дустии вилояти Хатлон 4,8 млн. сомонӣ, ноҳияҳои Мурғоб, Шуғнон ва Ишкошими ВМКБ 3,5 млн. сомонӣ, шаҳри Турсунзода, ноҳияҳои И. Сомонӣ, Варзоб, Лахш ва Файзобод маблағи 15,9 млн. сомонӣ вайронкунии қоидаҳои молиявӣ муайян ва барқарор карда шуд.

Чорабиниҳои аудиторӣ дар 19 марказ ва гурӯҳҳои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ гузаронда шуд, ки дар натиҷа қоидавайронкуниҳои молиявӣ ба маблағи 19,4 млн. сомонӣ муайян ва барқарор гардид.

Тибқи нақшаи корӣ дар 46 субъекти хоҷагидории давлатӣ чорабиниҳои аудиторӣ гузаронда шуда, қоидавайронкуниҳои молиявӣ ба маблағи 240,7 млн. сомонӣ муайян гардида, аз он ба қадри 150,0 млн. сомонӣ барқарор карда шуд.

Аз натиҷаи чорабиниҳои аудитории Палатаи ҳисоб 63 мавод ба маблағи 68,8 млн. сомонӣ барои чораҷӯӣ ва қабули қарорҳои дахлдор ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла, ба Прокуратураи генералӣ 33 мавод ба маблағи 43,3 млн. сомонӣ, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия 26 мавод ба маблағи 24,8 млн. сомонӣ ва ба Кумитаи давлатии амнияти миллӣ 4 мавод ба маблағи 624,8 ҳазор сомонӣ ирсол гардид.

Баҳри бартараф намудани камбудию норасоиҳои молиявӣ ба вазорату идораҳо, корхонаву муассисаҳо ва марказҳои лоиҳаҳои сармоягузорӣ 36 хулоса ва мактубҳои ахборотӣ бо 1540 тавсияҳои судманд ирсол карда шуда, аз баррасии онҳо 44 қарору фармон қабул гардида, 222 нафар ба ҷавобгарии интизомӣ ва моддӣ кашида шуданд.

Ҳамзамон бо мақсади густариши раванди рақамикунонии иқтисод, истифодаи технологияҳои инноватсионӣ, рушди неруи инсонӣ ва гузарондани аудити фосилавӣ дар Палатаи ҳисоб Барномаи Низоми худкори идоракунии аудит амал намуда, мунтазам такмил дода мешавад.